# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Набизода Наби Мирзонаим дар мавзуи: «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат. ш. Душанбе, 2026 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Набизода Наби Мирзонаим дар мавзуи: «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар марҳилаи муосири рушди давлатдорӣ, ки бо таҳкими арзишҳои демократӣ, волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавсиф мeёбад, масъалаи фаъолияти самаранoки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти аввалиндараҷа касб менамояд. Дар ин замина мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз ниҳодҳои калидии низоми давлатдорӣ баромад намуда, дар таъмини қонуният, устувории тартиботи ҳуқуқӣ ва татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат нақши муҳимро иҷро менамояд.

Мақомоти прокуратура мақоми мустақили давлатӣ буда, фаъолияти он пеш аз ҳама ба назорати иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳо, ҳифзи манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шахс, инчунин таъмини волоияти қонун равона гардидааст. Ҳамзамон, фаъолияти мақомоти прокуратура дорои хусусияти комплексӣ буда, дар баробари назорат, шаклҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро низ дар бар мегирад, ки тавассути онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал татбиқ мегарданд.

Дар шароити афзоиши таҳдидҳои муосир, аз қабили терроризм, ифротгароии динӣ, коррупсия, ҷинояткории муташаккил ва дигар падидаҳои хатарнок, нақши мақомоти прокуратура дар таъмини амнияти ҳуқуқӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ боз ҳам муҳим мегардад. Ин ҳолат зарурати такмили пайвастаи механизмҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти мазкур ва таҳлили илмии онҳо аз нуқтаи назари назариявию ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Бо вуҷуди аҳаммияти назаррас доштани фаъолияти мақомоти прокуратура, таҳқиқоти илмӣ дар илми ҳуқуқшиносии миллӣ асосан ба ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти он бахшида шуда, масъалаҳои марбут ба моҳият, шаклҳо, усулҳо ва самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба

таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Дар ҳамин замина анҷом додани таҳқиқоти назариявию ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ пайдо менамояд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти мақомоти прокуратура ҳамчун субъекти муҳими ҳуқуқтатбиқкунӣ метавонад ба рушди назарияи ҳуқуқ, такмили қонунгузории амалкунанда ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти амалии мақомоти прокуратура мусоидат намояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки ин диссертатсия аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ мебошад. Ҳангоми таҳқиқот рушди қонунгузории ватанӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, тавсифи санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани асосҳои ташкили фаъолияти ҳуқуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи мазкур ба таври системавӣ омӯхта шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои зерин ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд:

– дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ мушаххас кардани омилҳои баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии онҳо;

– баррасии вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мушаххас кардани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти алоҳидаи фаъолияти прокурорӣ;

– равишҳои таъмини сифати забонӣ дар масъалаҳои такмили ҳуқуқӣ ва техникии санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ, риояи нозукиҳои услубии санадҳои прокурорӣ, баландбардории сатҳи малакаи кормандони ҷавони мақомоти прокуратура ва самаранокии кори мақомоти прокуратура пешниҳод карда шуд;

– Барои пурсамар гардонидани фаъолияти мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ Консепсияи муосири ташаккули мақомоти прокуратура манзур карда шуд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои ин таҳқиқот аз натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои фаъолияти ҳуқуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд. Рисолаи мазкур, ки аввалин таҳқиқоти мукаммали мушкилоти ҷанбаҳои вобаста ба фаъолияти ҳуқуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, рушди қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи байналмилалиро дар ин самт ба

таври муназзам мавриди баррасӣ қарор додааст. Омӯзиши адабиёти илмӣ имкон дод, ки мафҳумҳои калидӣ ва истилоҳоти ҳуқуқӣ ба таври аниқ ва равшан таъриф ва пешниҳод карда шаванд, ки ин барои татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал муҳим аст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта ба таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи маводи эмпирикӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаву консепсияҳо, стратегияҳои давлатӣ, инчунин, суханрониву баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон  равона карда шудааст. Муаллиф маводи зиёди илмӣ ва амалиро таҳлил намуда, тавассути гузаронидани таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ, санҷиши дурустии маълумотҳо, хулосаҳои илмӣ ва амалӣ пешниҳод кардааст.

Ҳаҷми кофии маводи таҳлилшуда, ки дар асоси он натиҷаҳои таҳқиқот ҳосил шудаанд, инчунин нашр шудани натиҷаҳои диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ, эътимоднокии онро пурра тасдиқ менамоянд. Тавсияҳои пешниҳодшуда ба таҳлилҳои муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷумҳурӣ ва давлатҳои хориҷӣ вобаста ба фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтаанд. Дар маҷмӯъ, асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии диссертатсия бо усулҳои дақиқи методологӣ, таҳлили маводи кофии таҳқиқотӣ ва манбаъҳои илмии муътамад таъмин карда шудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Набизода Наби Мирзонаим дар мавзуи: «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат аз рӯйхати ихтисорот, муќаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва номгўйи адабиёт (маъхазњо) иборат буда, њаљми умумии диссертатсия 238 сањифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ шарҳ дода шуда, мушкилоте, ки дар назария ва амалияи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ мавҷуданд, муайян мегарданд. Маҳз ҳамин мушкилот зарурат ва аҳаммияти мавзуи мазкурро таъкид менамоянд. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якум – «Тавсифи умумии назариявии татбиқи ҳуқуқ дар фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз љониби диссертант мафҳуми

ҳуқуқтатбиққунӣ ва нақши мақомоти прокуратура дар низоми ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар параграфи якум - «Мафҳум ва тавсифи умумии ҳуқуқтатбиққунӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура» дисертант қайд менамояд, ки ҳуқуқтатбиққунӣ яке аз намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ ва давлатӣ-ҳокимиятӣ, ҳамчунин фаъолияти субъектони ваколатдор барои амалисозии нишондоди ҳуқуқист, ки мақсади он амаликунии ҳуқуқ ва меъёрҳои ҳуқуқ мебошад. Инчунин, дар доираи муносибатҳои махсус – татбиқи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. Ба таърифи муаллиф ҳуқуқтатбиққунӣ шакли алоҳидаи амалигардонии ҳуқуқ ҳисобида, он дар навбати худ аз унсурҳои таркибӣ, нишонаҳо, механизм ва субъектон иборат аст. Ба маънои дигар, ҳуқуқтатбиққунӣ шакли махсуси амалигардонии ҳуқуқ мебошад, ки бо моҳият, мундариҷа ва субъектони худ аз дигар шаклҳои амалигардонии ҳуқуқ фарқ мекунад. Он ҳамчун фаъолияти давлатӣ ва ваколати мақомоти давлатӣ эътироф карда мешавад. Яке аз нишонаҳои муҳимми ҳуқуқтатбиққунӣ санади он мебошад. Дар амалияи ҳуқуқӣ санадҳои гуногун, масалан, санади меъёрии ҳуқуқӣ, санади маъмурӣ, санади иҷро, санади тафсир, санад-дастур, хулоса ва ғ. мавҷуд аст (саҳ 46 диссертатсия).

Дар ин боб фаъолият ва самтҳои мақомоти прокуратура аз рӯи чунин нишонаҳо ҳамчун мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ чунин таҳлил шудааст: 1. Мақомоти прокуратура ягона мақомоти давлатӣ аст, ки функсияи назорати иҷрои дақиқ ва татбиқи қонунҳоро амалӣ менамояд. Фаъолияти назоратиро мақомоти прокуратура дар се самти зерин амал менамояд: назорати риоя ва иҷрои қонунҳо дар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ; назорати иҷрои қонунҳо дар раванди мурофиаи судӣ; бартарафсозии мухолифатҳо ба қонунгузорӣ, ки дар асоси санадҳои судӣ ва дигар санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба назар мерасанд; 2. Фаъолияти мақомоти прокуратура дар самти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо роҳи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ карда мешавад; 3. Санадҳои эътиноии мақомоти прокуратура раванди ҳуқуқтатбиққуниро танзим менамоянд; 4. Мақомоти прокуратура вазифаи пешгирикуниро дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ менамояд. Аз ҷумла, мақомоти прокуратура барои бекор кардани санадҳои беасос ва ғайриқонунӣ, пешгирӣ намудани қонунвайронкунӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ чораҳои прокурорӣ меандешад; 5. Дар раванди фаъолияти ҳуқуқӣ мақомоти прокуратура ваколатҳои васеъ дорад, ки он аз назорати иҷрои қонунҳо ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳамаи сатҳҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ иборат аст (саҳ 46 диссертатсия).

Дар боби дуюм - «Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура ва санадҳои ҳуқуқтатбиққунии он» диссертант асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯхта шудааст.

Муаллиф дар доираи ин боб ба хулоса омадааст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаи асосии ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура маҳсуб меёбад. Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз давраи ташаккули он қабул гардида буданд. Дар зинаи аввали таъсисёбӣ як қатор санадҳои

ҳуқуқӣ интишор шуданд, ки онҳо асосҳои ҳуқуқии мақомоти прокуратураро ташкил дода, заминаҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниро муқаррар намуданд. (саҳ. 48 диссертатсия).

Дар боби дуюм, инчунин муаллиф санади ҳуқуқтатбиқкуниро ҳуҷҷати дар шакли хаттӣ тартибдодашудаи мақомоти ваколатдор меҳисобад, ки барои муайян кардани ҳолатҳои воқеии амалишавии меъёрҳои ҳуқуқ қабул мешавад. Ба маънои дигар, санади ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ буда, дорои муқаррароти мақоми ваколатдор (шахси мансабдор) доир ба натиҷаи ҳалли масъалаи мушаххас мебошад, ки бо мавҷудияти далел (ҳолат)-и ҳуқуқӣ ба қувваи амал даромадааст.

Ба андешаи муаллиф, хусусияти санади ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура дар инҳо зоҳир мегардад: а) он санади мақомоти давлатӣ – прокуратура мебошад, ки ваколати татбиқи ҳуқуқро дар соҳаҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ дорад; б) мавҷудияти қарорҳои давлатӣ дар санади татбиқи ҳуқуқ, ки иҷрои онҳо ба ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ ҳатмӣ буда, ҷиҳати ошкоркунӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо бо қувваи давлатӣ ҳифз карда мешаванд; в) санади ҳуқуқтатбиқкунӣ шакли муайян дорад; г) мақсади чунин санадҳо танзими инфиродии муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, ба ҳолати мушаххас вобаста аст (саҳ.86 диссертатсия).

Дар боби сеюм - «Такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» диссертант ҳамкории самараноки мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва самтҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф дар боби мазкур иброз медорад, ки ҳамкории мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ самти алоҳидаи фаъолияти мақомоти прокуратура буда, дар раванди он мубодилаи иттилоот, таҳкими фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва иҷрои меъёрҳои қонун амалӣ гардонида мешавад. Мақсадҳои ҳамкорӣ бо вазифаҳои зерин амалӣ карда мешаванд: 1. Ба роҳ мондани мубодилаи иттилоотӣ байни мақомоти прокуратура ва дигар субъектҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ; 2. Ба мувофиқа омадани қабули қарорҳои ҳуқуқӣ ва иштирок дар қабули онҳо; 3. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои илмӣ (илмӣ-методӣ ва илмӣ-таҳлилӣ) ва таҷрибавӣ (назоратӣ, мушоҳида); 4. Ҷамъбасти муштараки маводҳо оид ба вайроншавии ҳуқуқҳо ва ё иттилооти дорои хусусияти ҳуқуқӣ; 5. Мурожиати муштарак ба мақомоти давлатӣ барои такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар самти муайян.

Якум, дар раванди ҳамкории байни мақомоти прокуратура ва дигар субъектҳои ҳуқуқтатбиқкунанда масъалаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, методӣ, моддию техникӣ, иттилоотӣ ва ғ. ба миён меоянд, ки таҳияи қарорҳои баробар ва мувофиқро талаб мекунанд.

Дуюм, механизми ҳамкории мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад: мақсади механизми ҳамкорӣ (баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии прокуратура), марҳилаҳои механизми ҳамкорӣ (аз тарафи дохилӣ ва берунӣ, мурофиавӣ,

функсионалӣ ва ғ.), асосҳои ҳуқуқӣ ва воситаҳои ҳамкорӣ (меъёрҳо, муносибатҳо ва санадҳо ҳуқуқӣ).

Сеюм, мақомоти прокуратура бояд тамоми воситаҳоро (имкониятҳоро) дар ихтиёри худ истифода барад, то самаранокии ҳамкорӣ бо кормандони дигар мақомоти давлатӣ, бешубҳа, ба таҳкими волоияти қонун ва баланд бардоштани сатҳи ҳуқуқтатбиққунӣ дар кишвар мусоидат намояд.

Чорум, дар марҳилаи муайяни амалисозии ҳамкории муштарак байни прокуратура ва дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда вобаста ба инкишофи муносибатҳои тарафҳо дар бораи такмили минбаъдаи онҳо чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Панҷум, ҳамкории мутақобила имкон медиҳад, ки манзараи объективии вазъи ҷинояткорӣ ва волоияти қонун дар кишвар ташаккул дода шавад, назорати самаранокро аз болои иҷрои қонунҳо дар тамоми соҳаҳои фаъолияти прокурорӣ таъмин намояд, қонунвайронкуниҳо пешгирӣ гардад, тавассути чораҳои ҷавобии прокурорӣ ва ғ. вазифаҳои ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ карда шавад (саҳ.163).

Дар ин боб, муаллиф техникаи ҳуқуқтатбиққуниро ба маънои маҳдуд ва васеъ мефаҳмад. Ба маънои маҳдуд он маҷмуи воситаҳо ва тарзҳои таҳияи санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ба ҳисоб меравад. Ба маънои васеъ бошад, техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ маҷмӯи воситаҳое мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар тамоми раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ истифода мешаванд. Ба назари муаллиф, техникаи ҳуқуқтатбиққунӣ намудҳои алоҳида иборат буда, асосан ба ду қисм: 1) техникаи раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва 2) техникаи таҳияи санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ тақсим мешаванд. Аз рӯи таснифбандии техникаи ҳуқуқтатбиққунии мақомотҳои ваколатдор прокуратура ҳамчун мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти назорат баромад менамояд. Мақомоти прокуратура низ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ техникаи умумиҳуқуқӣ ва ҳуқуқтатбиққуниро истифода менамояд.

Хулоса аз 14 банди аҳамияти назариявӣ дошта ва 5 банди ба такмили қонунгузорӣ равонашуда иборат мебошад.

Дар хулоси таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Хулосаҳои таҳқиқот заминаи назариявию амалиро барои мақомоти прокуратура фароҳам оварда ва ба беҳтар шудани сатҳи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат намуда метавонанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд. Инчунин, натиҷаҳои диссертатсия барои таҳқиқи самти алоҳидаи илмӣ – фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ замина гузошта, ба такмили фаъолияти мазкур мусоидат менамояд. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти мазкур

дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодоти муаллиф ба такмили амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ муфид буда, нуктаҳо ва хулосаҳои муаллиф дар фаъолияти амалии мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ намудани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ метавонад истифода шаванд. Ҳамчунин дар асоси маводи таҳқиқоти мазкур дар муасисаҳои илмию таҳқиқотӣ метавонад мавзуҳои алоҳида оид ба фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар маҷмуъ ва самтҳои алоҳидаи фаъолияти ҳуқуқтатбикунии мақомоти прокуратура мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои рисола аз имконияти коҳиши хароҷот ва зарарҳои молиявӣ, ки дар натиҷаи ҷиноятҳои вобаста ба иқтисод ба вуҷуд меоянд, иборат мебошад. Бо такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва тақвияти амнияти иттилоотӣ, фаъолияти иқтисодӣ ва тиҷоратии муассисаҳо дар муҳити рақамӣ бештар муҳофизат мешавад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар баланд бардоштани сатҳи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва маърифати ҳуқуқӣ дар шароити давлати иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Бо такмили қонунгузорӣ фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфта, ин раванд ба рушди устувори иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 16 мақолаи илмӣ, ки аз он 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Набизода Наби Мирзонаим ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ

ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар диссертатсияи унвонҷӯ Набизода Набӣ Мирзонаим мафҳумҳои марбут ба санадҳои эътинооии прокурорӣ бо истилоҳоти гуногун, аз ҷумла "санади вокуниши прокурорӣ", "воситаи меъёри ҳуқуқии вокуниши прокурор", "санади ҷавобии прокурор", "ҳуҷҷати вокуниши прокурор", "воситаи назоратии вокуниши прокурор", "эътирози прокурор ҳамчун санади вокуниш", "воситаҳои муассири вокуниши прокурор", "вокуниши прокурор ба ҳуқуқвайронкуниҳо", "чораҳои ҷавобии прокурорӣ" ифода гардидаанд. Ҳол он, ки чунин мафҳумҳо дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифода нашудаанд. Аз ин лиҳоз, озодона ба кор бурдан ё тағйир додани истилоҳоте, ки дар қонун муқаррар шудаанд, аз нигоҳи методологӣ ва ҳуқуқӣ дуруст арзёбӣ намегардад. Дар матни диссертатсия низ асоснок карда нашудааст, ки муаллиф бо кадом далел ва дар асоси кадом манбаъ чунин тарзи баёнро интихоб намудааст. Тибқи моддаи 29 қонуни мазкур, эътироз, пешниҳод, қарор ва амри прокурор ҳамчун намудҳои ҳуҷҷатҳои мавриди эътинои прокурор муайян гардидаанд. Бинобар ин, истифодаи истилоҳи «ҳуҷҷатҳои эътинооии прокурор» ба мақсад мувофиқ буда, он дар адабиёти ҳуқуқӣ низ мавриди истифода қарор дорад. Ҳамзамон, дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ истилоҳоти «чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ», «ҳуҷҷатҳои (санадҳои) эътиноӣ» ё «санадҳои таъсиррасонии прокурорӣ» низ ба назар мерасанд. Эҳтимол меравад, ки ҳангоми истифодаи адабиёти хориҷӣ баъзе истилоҳот ба таври нодуруст тарҷума шудаанд, ки ин боиси гуногунӣ ва норавшанӣ дар баёни мафҳумҳо гардидааст. Оид ба масъалаи мазкур ба мақсад мувофиқ аст, ки доир ба ин масъала муаллиф мавқеи илмӣ ва фикру мулоҳизаҳои асосноки худро баён намояд. Аз ҷумла, зарур аст шарҳ дода шавад, ки истифодаи истилоҳоти гуногун бо кадом асоси назариявӣ ва методологӣ сурат гирифтааст, то чӣ андоза он ба меъёрҳои қонунгузорӣ мутобиқат дорад ва оё чунин гуногунӣ ба равшанӣ ва дақиқии таҳқиқот таъсир намерасонад. Ҳамзамон, хоҳиш менамоем, ки муаллиф муносибати худро нисбат ба истилоҳоти дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқарраршуда мушаххас намояд ва асоснок созад, ки чаро мафҳумҳои мазкурро маҳз ба ҳамин тарз истифода кардааст ё дар кадом ҳолат зарурати истифодаи истилоҳоти дигар ба миён омадааст. Шарҳи муаллиф имкон медиҳад, ки мавқеи илмии муаллиф равшан гардида, масъалаи ягонагии истилоҳот дар доираи таҳқиқот таъмин карда шавад.

2. Матни дар саҳифаи 29 овардашудаи диссертатсия ба тавзеҳу дақиқсозӣ ниёз дорад. Зикр намудани он ки прокуратура «субъекти асосии баррасии парванда» мебошад, аз нигоҳи ҳуқуқӣ дақиқ нест. Субъекти асосӣ ва ҳатмии ҳар як мурофиаи ҷиноятӣ суд (ё судя) мебошад, зеро маҳз суд адолати судиро амалӣ намуда, парвандаро моҳиятан баррасӣ ва санади ниҳоӣ қабул мекунад. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои

мурофиавӣ, танҳо суд ваколати баамалбарории адолати судиро дорад. Аз ҷумла, мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд баррасии парвандаро анҷом дода, ҳукм ё қарор қабул менамояд. Прокурор дар мурофиаи судӣ яке аз иштирокчиёни асосӣ ба ҳисоб рафта, аз номи давлат таъқиби ҷиноятиро амалӣ мекунад ва хулосаи айбдоркуниро дастгирӣ менамояд, аммо ӯ адолати судиро ба амал намебарорад. Ҳамзамон, дар баробари суд ва прокурор, ҳимоятгар низ аз ҷумлаи субъектҳои муҳими мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Инчунин, ҷумлаи марбут ба он ки прокурор «ҳар вайронкунии тартиботи қонуниро ошкор намуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва барқарор намудани онро талаб менамояд» баҳснок ба назар мерасад. Зеро на ҳар як вайронкунии тартиботи қонун дорои таркиби ҷиноят мебошад; чунин амал метавонад хусусияти интизомӣ, маъмурӣ ё мурофиавӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, мувофиқтар мебуд, ки гуфта шавад: прокурор дар доираи ваколатҳои худ ба қонуншиканиҳои ошкоргардида эътироз намуда, вобаста ба моҳияти онҳо татбиқи чораҳои пешбининамудаи қонунро пешниҳод ё талаб менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, зарур аст, ки муаллиф мавқеи худро дақиқ намуда, мақоми прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқ ба меъёрҳои қонунгузорӣ ифода намояд.

3. Қобили зикр аст, ки дар саҳифаи 31 таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф таъкид менамояд, ки фаъолияти назоратии мақомоти прокуратура дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ паҳн гардида, назорат дар самти ҳуқуқтатбиқкунӣ асосан зимни иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ ва санҷиши қонунияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос меёбад. Чунин баёни муаллиф ба дақиқсозӣ ниёз дорад. Тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», прокуратура назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомот, инчунин шахсони мансабдори онҳо амалӣ менамояд. Ҳамзамон, прокуратура ба қонунҳо мутобиқат намудани санадҳои ҳуқуқии аз ҷониби сохторҳои зикршуда қабулшударо месанҷад ва барои бекор кардани санадҳои ғайриқонунӣ аз ваколатҳои худ истифода мекунад, вале унвонҷӯ дақиқ накардааст, ки кадом санадҳои ҳуқуқӣ таҳти назорати прокурорӣ қарор мегиранд, зеро санади меъёрии ҳуқуқӣ - мумкин аст, ки бо роҳи раъйпурсӣ ё аз ҷониби парламент, ҳукумат, мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардад. Ваколати ҳал намудани масъалаи мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия ба салоҳияти мақомоти назорати конститутсионӣ мансуб буда, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин ваколат ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, чунин хулосабарорӣ, ки гӯё прокуратура ваколатҳои санҷидани мутобиқати ҳамаи санадҳои меёрӣ ҳуқуқиро дорад, метавонад боиси омехташавии салоҳиятҳо гардад. Бинобар ин, зарур аст, ки муаллиф мавқеи худро мушаххас намуда,

ҳудуди ваколатҳои прокуратураро аз ваколатҳои мақомоти назорати конститутсионӣ возеҳ ҷудо намояд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мақурро коста намегардонад ва ба мухтавои кор таъсири зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Набизода Наби Мирзонаим дар мавзуи: «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори
кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Муҳаммадиев И.С.

Суроға: 735720, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бустон, кӯчаи Фотеҳ Ниёзи 10,Тел: (+992) 92-770-00-21. E-mail:
izatullomuhammadiev@gmail.ru

Имзои Муҳаммадиев И.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДҲБСТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент: Бобоев А.Х.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, биноӣ 1, Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70. Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru

«26» 02 2026 сол